# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали дар мавзуи "Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ)**

Омӯзиш ва баррасии таърихи библиографияи тоҷик аз нигоҳи вазъи кунунӣ, яке аз масъалаҳои мубраму актуалӣ дар соҳаи китобдорӣ ба шумор меравад. Аз ҷиниби дигар, дар даврони соҳибистиқлолӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи китобдорӣ ва китобхонии ҷомеа таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, сиёсати фарҳангиро, ки як ҷузъи асосии он китобдорист, авлавият додааст.

Таҳқиқи пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули библиографияи тоҷик барои пажуҳишҳои минбаъда кори муфид ва зарурӣ аст, зеро доир ба таърихи библиографияи тоҷик, агарчи мақолаҳои алоҳида навишта шуда бошанд ҳам, аммо дар ин самт таҳқиқоти фарогири илмӣ сурат нагирифтааст. Дар диссертатсия бори нахуст таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990) мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст.

Бояд қайд намуд, ки бештари дастурҳои библиографие, ки дар таҳқиқот зикр шудаанд, қариб ки аз доираи баррасии илмӣ дур монда буданд. Аз зери чангу ғубори махзанҳо ба муомилоти илмӣ баровардан ва нишон додани аҳаммияти илмию таърихии онҳо низ кори шоиста аст.

Чуноне ки зикр намудем, ин мавзуъ дорои аҳаммияти баланди илмӣ буда, аз ҷониби донишмандони библиографияшинос мавриди пажуҳиши ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Бинобар ин, метавон гуфт, ки ин масъала бори нахуст аз ҷониби докторант Нодирзода Сайзароб Сайали ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Диссертатсия аз ҷиҳати сохт, аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст.

Дар муқаддима муаллиф роҷеъ ба библиографияи солҳои 1960-1990, дараҷаи омӯзиш ва зарурати интихоби мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, методҳои омӯзиш ва пажуҳиш, арзиши амалии диссертатсия, навгонии мавзуи таҳқиқот ва ғайра маълумот додааст.

Боби якум «Пайдоиш, таҳаввул ва рушди назария ва амалияи библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990» унвон дошта, дар он асосан масъалаҳои таърихи пайдоиши назарияи библиография ва библиографишиносӣ, бунёди дастгоҳи маълумотдиҳӣ-библиографӣ, муайян намудани самтҳои афзалиятноки илми библиографишиносии тоҷик, мушкилоти библиографишиносии тоҷик мавриди таҳлилу

таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, дар ин боб ба омилҳои асосии пайдоиш, ташаккул, таҳаввул ва рушди афкори библиографишиносии тоҷик низ диққати махсус зоҳир шудааст. Саҳми ниҳодҳои марбут ба библиография ва библиографияшиносӣ дар ин боб низ хеле мунсифона гуфта шудааст. Бартарияти дигари ин боб дар он аст, ки саҳми библиографҳо ва олимони библиографияшинос дар сатҳи зарурӣ нишон дода шудааст. Хулоса, муҳаққиқ дар боби аввал комёбиҳои назарраси илмӣ ба даст овардааст.

Унвони боби дуюми таҳқиқот «Равандҳои таҳаввул ва рушди библиографияи илмӣ-ёрирасон ва тавсиявии тоҷик дар солҳои 1960-1990» мебошад. Дар ин боб асосан ду навъи библиография – илмӣ-ёрирасон ва тавсиявӣ дар солҳои 1960-1990 мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Муаллиф сараввал библиографияи илмӣ-ёрирасонро таҳқиқ намуда, зикр мекунад, ки "фаъол гардонидани таҳқиқоти илмӣ дар омӯзиши назария, таърих, услуб ва ташкили библиографияи илмӣ-ёрирасон, яке аз шартҳои муҳимми рушди ин библиография маҳсуб меёбад" (Автореф., с. 17). Воқеан, муаллиф дуруст қайд карда, маҳз дар заминаи пажуҳиш ҷанбаҳои комилу нокомилӣ фаъолияти библиографиро муайян намуда, роҳҳоиислоҳи онро низ пешниҳод кардааст.

Дар қисми дуюми ин боб масъалаҳои вобаста ба библиографияи тавсиявӣ дар солҳои 1960-1990 баррасӣ шудаанд. Муаллиф ба хулосае омдааст, ки "ташаккул ва рушди библиографияи тавсиявӣ дар ҶШС Тоҷикистон асосан ба солҳои 60-ум ва 70-уми асри XX рост меояд" (Автореф., с. 18). Инчунин, диссертант дар идома таъкид мекунад, ки библиографияи тавсиявӣ дар шаклгирию рушдёбии библиографияи илмию ёрирасони тоҷик низ саҳм гузоштааст.

Дар ин боб низ андешаҳои муфид, таҳлилу муқоисаҳои мантиқӣ ба назар мерасанд. Хонанда дарк мекунад, ки муаллифи таҳқиқот ҳам аз ҷанбаҳои назарӣ ва ҳам аз ҷанбаҳои амалии соҳаи китобдорӣ хуб огоҳ аст ва онҳоро бо камоли масъулият мавриди тақиқи амиқ қарор додааст. Ҳамингуна, муаллиф боби дуюмро низ муваффақона ба анҷом расонидааст.

Дар маҷмуъ, аз муҳтавои таҳқиқот бармеояд, ки Нодирзода Сайзароб мавзуи интихобкардаи худро бо шавқу завқ пажуҳиш намуда, ба ҳадафи дар назди худ гузошта расидааст ва мақолаҳои зиёде низ оид ба мавзуъ чоп кардааст.

Аммо дар баробари дастовардҳо дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъие низ ба назар мерасад, ки дар оянда ба инобат гирифтани онҳо ба нафъи таҳқиқот дар ин самт аст:

1. Дар автореферат бахши "Мундариҷаи асосии диссертатсия" тӯл кашидааст. Муаллиф метавонист ин бахшро муҷазтар анҷом диҳад.
2. "Рӯйхати адабиёт"-и автореферат дар вароқҳо нишон дода мешуд, боз беҳтар буд.

Бояд таъкид намуд, ки эродҳои овардашуда арзиши илмии пажуҳишро коста намекунанд, балки онҳо аслан хусусияти тавсиявӣ доранд. Маҷмуан, аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки кор аз ҷиҳати мазмун ва ҳаҷм ба талаботи навиштани таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст.

Хулоса, метавон зикр кард, ки диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали таҳти унвони “Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот” ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз,** Сармуҳаррири
Сарредаксияи илмии
Энсиклопедияи миллии тоҷик,
номзади илмҳои таърих Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ

Суроға: 734064 ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ,
кӯчаи Н. Қарабоев 17, Сарредаксияи илмии
Энсиклопедияи миллии тоҷик
Тел.: (+992) 985880810
E-mail: nekruz_tj@mail.ru

Имзои Нурмуҳаммад Амиршоҳиро тасдиқ менамоям:
Нозири кадрҳои Сарредаксияи илмии
Энсиклопедияи миллии тоҷик Майрамбии А.
«19» 09 соли 2025

ШӮЪБАИ КАДРҲО